# ТАҚРИЗ

ба автореферати Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович дар мавзӯи «Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Ш.М. Мирсабуров ба омӯзиш ва таҳқиқи хусусиятҳои биологии растаниҳо, аз ҷумла обсабзҳо, гуногуншаклӣ, сохтори систематикӣ ва таркиби флораи онҳо яке аз масъалаҳои муҳими илми биология буда, дар муҳофизат ва пешгирии нестшавии онҳо заминаи мусоид фароҳам меоварад ва яке аз мубрамтарин масъалаҳо ба ҳисоб меравrouteанд.

Сохтори рисолаи унвонҷӯй анъанавӣ буда, он аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддима ба таври анъанавӣ аҳамияту мубрамияти рисолаи номзадӣ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаи тадқиқот, бозёфти илмии рисола, усулҳои омӯзиш, аҳамияти илмӣ ва амалии рисола баррасӣ шудаанд.

Дар муқаддимаи рисола, инчунин, ба таври мухтасар раванди омӯзиши таркиби флораи обсабзҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон, тағйирёбии мавсимӣ, инкишоф, паҳншавӣ ва муайян кардани ҳолати экологии обанборҳо ва дарёҳо бо ёрии обсабзҳои индикаторӣ, ҳамчунин муайян намудани нақши онҳо дар системаи ғизогирии моҳиён аҳамияти махсуси илмиву амалӣ дорад барасӣ шудаанд.

Унвонҷӯй дар обанборҳо ва дарёҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон 162 намуд (195 намуд ва зернамуд) дарёфт намудааст, ки ба 50 авлод, 28 оила, 11 тартиб ва 3 синф тааллуқ доранд. Дар инкишофи таркибии алгофлора намояндаи синфи Chlorophyceae мақоми аввалро ишғол намуда, 131 намуд ва зернамуд ба қайд гирифта шудааст, ки 67.17%-и ҳамаи обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимоли ва водии Зарафшонро дар бар мегирад. Аз таркиби умумии намудҳо 31 намуд ва зернамуд бори аввал дар

ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон ва 12 намуд ва 6 зернамуд ҳамчун бозёфтҳои нави барои флораи Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Диссертатсия мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Автореферат ва мақолаҳои чопгардида моҳияти асосии корро фаро гирифтааст.

Аз рӯйи муҳиммияти худ, мавзӯъ, мақсад, вазифа, таркиб ва ҳаҷми таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ натиҷаҳои диссертатсияи Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович ба талабот оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника, ки дар Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯроҳои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267), ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои ба даст овардани дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника арзанда аст.

Доктори илмҳои биологӣ,
узви вобастаи АМИТ
профессори кафедраи биологияи
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Н. Хусрав Давлатзода Сайфиддин Хайриддин

Имзои С.Х.Давлатзодаро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Н. Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

Суроға:, 735140, шаҳри Бохтар,
кӯч. Айнӣ, 67
Телефон: +992(3222) 2-54-81
E-mail: s.davlatov@mail.ru